بسم الله الرحمن الرحیم

In the name of Allah, the compassionate, the merciful

به نام خداوند بخشنده مهربان

NoorolAmin

# Принсипҳои созмондиҳӣ дар мудирият

Сафармурод Ҳусейн

# МУНДАРИҶА

**Сарсухан.....................................................................................7**
1. Мафҳуми созмондиҳӣ.....................................................................8
2. Вижагиҳои созмондиҳии хуб ва муносиб....................................9
3. Усули созмондиҳӣ..........................................................................10
3.1. Асли тақсими кор: Allocation of work ...................................11
3.1.1. Мафҳуми тақсими кор.....................................................11
3.1.2. Гунаҳои табақабандӣ ва тақсими кор............................12
3.1.3. Асли шароти кор ..............................................................13
3.1.4. Асли шароити коркунон..................................................14
3.1.5. Тақсими кор ба гурӯҳҳо...................................................14
3.1.6. Тақсими кор ба афрод .....................................................15
3.1.7. Зобита ба ҷои робита.......................................................15
Ҷамъбандӣ .......................................................................................16
3.2. Асли шарҳи вазифаҳо: Job description .................................16
3.2.1. Асли шарҳи вазифаҳо барои ҳадафҳо...........................16
3.2.2. Асли тасҳилоти роҳбарӣ (Leadership Facilities)............17
3.2.3. Асли риояти субот ҳамроҳ бо асли инъитоф ...............18
Ҷамъбандӣ .......................................................................................19
3.3. Асли ваҳдати фармондеҳӣ (Unity of Command)..................19
3.3.1. Мафҳуми ваҳдати фармондеҳӣ ......................................20
3.3.2. Асли итоат аз фармондеҳ.................................................20
Ҷамъбандӣ .......................................................................................21
3.4. Асли вогузоштани ихтиёр (Delegation of authority)...........21
3.4.1. Мафҳуми вогузории ихтиёр...........................................25
3.4.2. Шароити вогузории ихтиёр ...........................................26
3.4.3. Мазиятҳои вогузории ихтиёр ........................................27
3.4.4. Монеаҳои вогузории ихтиёр ..........................................27
3.4.5. Роҳҳои ғалаба бар монеаҳои вогузории ихтиёр ..........28
3.4.6. Усули вогузории ихтиёр...................................................29
3.4.6.1. Асли вогузории қисмате аз ихтиёр.............................31
3.4.6.2. Асли ҳамоҳангии масъулият бо тавоноиҳои

зердастон ........................................................................31
3.4.6.3. Асли вогузории ихтиёр пас аз имтиҳон ....................32
3.4.6.4. Асли вогузории ихтиёр бо масъулиятхоҳӣ................33
3.4.6.5. Асли вогузории ихтиёр ҳамроҳ бо назорат ва кантрол ........................................................................33
3.4.6.6. Асли қобили фасх будани вогузории ихтиёр...........34
3.4.6.7. Асли тамаркуз ва тамаркуз накардан дар вогузории ихтиёр........................................................................34
3.4.6.8. Асли таодул дар вогузории ихтиёр ..........................36
Ҷамъбандӣ ........................................................................36
3.5. Алси иртиботот (Communication)...............................37
3.5.1. Мафҳуми иртиботот ..................................................38
3.5.2. Мавзӯи иртиботот дар созмон....................................39
3.5.3. Гунаҳои иртиботот .....................................................39
3.5.4. Монеаҳои иртиботот миёни афрод ва мудирон..........41
3.5.5. Усули иртиботот .........................................................43
3.5.5.1. Асли қудрати баён.....................................................43
3.5.5.2. Асли нармхӯӣ.............................................................44
3.5.5.3. Асли равшании паём .................................................44
Ҷамъбандӣ ........................................................................45
3.6. Асли силсиламаротиб (Hierarchy) ...............................45
3.6.1. Алси итоат дар силсиламаротиб.................................46
3.6.2. Саф ва ситод (Line and Staff) .....................................49
**Ҷамъбандӣ ........................................................................53**
**Адабиётҳо .........................................................................55**

# Сарсухан

Пас аз таъйини аҳдоф барои созмондиҳӣ ва таҳияи барнома ва нақшаи кор, гом ба дунёи амал мерасад. Дар ин марҳила мудир бо дувумин вазифаи худаш, ки созмондиҳӣ аст, рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин пеш аз вуруд ба баҳс зарурӣ аст, ки ишорае ба созмон ва созмондиҳӣ дошта бошем.

Дар илми мудирият ва баҳс аз созмондиҳӣ ду вожаи созмон (Organization) ва созмондиҳӣ (Organizing) зиёд истифода мешавад. Созмон ба ҳар муассиса ё гурӯҳи корӣ гуфта мешавад, монанди: мадраса, идораи давлатӣ, тими варзишӣ ва бемористон, ки афроди он бо ҳам ва барои расидан ба як ҳадафи муштарак ва бо иртибот доштан бо якдигар корҳоро анҷом медиҳанд, ба баёни дигар созмон иборат аст аз: ҳамоҳангии маъқули теъдоде аз афроде, ки аз тариқи тақсими вазифаҳо ва баробарии равобити муназзам ва мантиқӣ барои таҳаққуқи ҳадаф ё манзури муштарак ба таври давомнок фаъолият мекунанд. (Алоқабанд, с: 7).

Дар бораи созмон ва гунаҳои он дар куллиёти баҳс бо ҳамин унвон баҳс намуда ва гунаҳои созмонҳоро баён доштем.

Аммо созмондиҳӣ ба маънои ҷараёни назм ва

тартиб додан ба кору фаъолият ва тақсиму таклифи он ба афрод ба манзури анҷом додани кор ва таҳаққуқи аҳдофи муайян аст. Натиҷаи созмондиҳӣ, эҷоди сохтори созмон аст. Сохтори созмон робитаҳои муназзам ва мантиқӣ, ки лозимаи амалиёти аъзои созмон аст ба вуҷуд меоварад. (Алоқабанд, с: 51).

Ба ғайр аз ду вожаи созмон ва созмондиҳӣ, вожаи сохти созмон (Organizational Structere) низ гоҳ ба маънои созмондиҳӣ истифода мешавад. Сохти созмонӣ ё тарроҳии созмон, ҳосили фароянди созмондиҳӣ аст ва иборат аз системаи равобите аст, ки ба таври ғайри расмӣ шакл гирифта ва ба таври расмӣ тасвиб шудааст ва ҳоким бар фаъолиятҳое аст, ки барои касби аҳдофи муштарак ба ҳам вобастаанд. (Ризоиён, с: 127).

## 1. Мафҳуми созмондиҳӣ

Барои созмондиҳӣ аз сӯи донишмандони мудирият, таърифҳои зиёде шудааст, ки ба бархе аз онҳо ишора мешавад.

Созмондиҳӣ яке аз вазифаҳои асосии мудир аст. Манзур аз созмондиҳӣ, барқарории як риштаи иртиботот байни се омили муҳимми созмон яъне вазифаҳо, афрод ва ашё ба манзури расидан ба ҳадафҳои муайян аст. Дар воқеъ созмондиҳӣ як ҷараён аст, ки ба василаи он сохтори як созмон эҷод мешавад ва дар ҷиҳати таъмини ҳадафҳои созмон ҳифз мешавад, бе созмондиҳӣ таъмини ҳадаф мақдур намебошад. (Давлатӣ, с: 55).

Созмондиҳӣ фароянди ба ӯҳда гирифтани вазифаҳо, тахсиси манобеъ ва тартиб додани фаъолиятҳои ҳамоҳанг дар иҷрои барномаҳо; фароянди басиҷи афрод ва дигар манобеъ дар анҷоми

вазифаҳое, ки ба таҳаққуқи ҳадафи муштарак ба поён мерасад. (Баруманд, с: 53).

Созмондиҳӣ фароянде, аст ки тайи он тақсими кор миёни афрод ва гурӯҳҳои корӣ ва ҳамоҳангӣ миёни онҳо ба манзури касби аҳдоф сурат мегирад. (Ризоиён, с: 126).

Созмондиҳӣ, фароянди танзим ва тақсими корҳо, ихтиёрот ва манобеи созмонӣ байни аъзо ва эҷоди ҳамоҳангӣ миёни онҳо, ҷиҳати расидан ба аҳдофи созмон аст. (Таваккулӣ, с: 91).

Бинобар ин бо таваҷҷӯҳ ба таърифҳое, ки дар боло аз созмондиҳӣ гуфта шуд ва бо таваҷҷӯҳ ба дигар таърифҳое, ки дар бораи созмондиҳӣ шудааст, чунин ба назар мерасад, ки аркони аслӣ дар созмондиҳӣ, арконе аз қабили: танзим ва тақсими кор, эҷоди ҳамоҳангӣ байн афрод ва коркунон ва барқарории иртибот байни се омили муҳимми созмон, яъне вазифаҳо, афрод ва ашё ба манзури расидан ба ҳадафҳои муайян мебошад.

## 2. Вижагиҳои созмондиҳии хуб ва муносиб

1. Кор ба сурати гурӯҳӣ анҷом шавад.
2. Масъули ҳар гурӯҳ мушаххас шавад.
3. Ҳар фард бино ба салоҳияти худ дар ҷои муносиби хеш қарор гирад.
4. Тақсими кор ба хубӣ сурат пазирад.
5. Дар корҳо назм ва инзибот эҷод шавад.
6. Иртиботи афрод дар чорчуби силсила маротиби ихтиёрот мушаххас гардад.
7. Дар замон сарфаҷӯӣ шавад.
8. Ҳар фард ба вазифаи худ ва вазифаҳои дигарон ва дар маҷмӯъ бо вазифаҳо ва аҳдофи созмон ошно гадад.
9. Имконоти моддӣ ва кӯшишҳо ва талошҳои нерӯи инсонӣ ба кор гирифта шавад.